# **Номи курс: Фаъолияти иқтисоди берунаи корхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

(*Foreign economic activity of enterprises in the Republic of Tajikistan*).

**Week 9.** Stages of foreign economic activity in Tajikistan
**lecturer: Rustamzoda Fitrat Muzafar**

## **МАВЗӮИ 9.** МАРҲИЛЛАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИИ ХОРИҶА ДАР ТОҶИКИСТОН

9.1. Идораи фаъолияти иктисодии хориҷӣ дар сатҳи давлатӣ.

9.2. Комиссияи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба робитаҳои иқтисодии хориҷӣ.

9.3. Вазорати иқтисод ва робитаҳои иктисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

9.4. Кумитаи гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Мақсади лексия:** омӯзиши идораи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар сатҳи давлатӣ, Комиссияи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба робитаҳои иқтисоди хориҷӣ, Вазорати иқтисод ва робитаҳои иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

### **9.1. Идораи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар сатҳи давлатӣ.**

Моҳияти фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ҳамчун самти муҳими илми иқтисод бо роҳи таҳлил ва ҷамъбасти ташкилу идораи мушаххси он дар зинаҳои мухталиф муайян карда мешавад. Ташкили идораро ба се зина тақсим кардан мумкин аст;

1. Умумидавлатӣ;

2. Ҳудудӣ( минтақавӣ)

3. Ибтидоӣ (ташкилоту корхонаҳо, иттиҳодияҳо,фирмаҳо ва ғайра.

Ин зинаҳо бо принсипҳои умумие муайян карда мешаванд, ки аз қонунҳои амалкунандаи давлат бармеояднд. Ҳамзамон ин принсипҳо дорои

хусусиятҳои хос мебошад. Идораи фаъолияти иктисодии хориҷӣ дар ҳар кишвар аз сохтори ташкилии истеҳсолот ва низоми амалкунандаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ вобаста аст.

Дар ҳар кишвар ташкили идораи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва умуман иктисодиёт аз ҷониби низоми ҳокимияти давлатӣ сурат мегирад, ки он мутобиқи Конститутсия ба се шоха ҷудо мешавад:

1. Қонунбарор

2. Иҷроия

3. Суд

*Ҳокимияти қонунбарор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Маҷлиси Олӣ (парламент, собиқ шӯрои олӣ) ба амал бароварда мешавад, ки мақоми олии намояндагӣ ва қонунбарори кишвар мебошад. Дар соҳаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба салоҳияти ҳокимияти қонунбарор масъалаҳои қабул, тағир додани қонунҳо,ва асноди дигари меъёрӣ, тасфир ва бекор кардани онҳо, муайян намудани самтҳои асосии сиёсати хориҷии давлат, тасдиқи барномаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, расонидани ёрии иқтисодӣ ба давлатҳои дигар мансуб аст.*

Ба ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистонҳоло инҳо дохиланд: Ҳукумати ҷумҳурӣ таҳти роҳбарии Президент ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.

Мутобиқи моддаи 64 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 6 ноябри соли 1994 ба тариқи райпурсии умумихалқӣ қабул шудааст, роҳбари давлат ва ҳокимияти иҷроияи (Ҳукумат) Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Идораи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар сатҳи давлат аз ҷониби Президент ва Ҳукумати ҷумҳурӣ бо роҳи қабули фармону амрҳо ва қарорҳо ва таъсиси мақомоти корие (шӯроҳо, комиссияҳо ва ғайра), ки татбиқи қарорҳои қабулгардидаро таъмин менамоянд, ба амал бароварда мешавад.

*Ҳокимияти судӣ дар сатҳи кишвар аз ҷониби суди конститутсионӣ, Суди олӣ, Суди олии иқтисодӣ ва Суди ҳарбӣ ба амал бароварда мешавад.*

*Таъиноти асосии низоми судӣ дар соҳаи* фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ташкилоту корхонаҳои дохилӣ ва хориҷӣ субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мебошад.

Фишангҳои пурқуввати идораи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар чаҳорчӯбаи ҳокимияти иҷроия қарор доранд. Ба ин фишангҳо фармону амрҳои Президенти Тоҷикистон, қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Комиссияи давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд.

Дар дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шӯъбаи махсуси робитаҳои иқтисодии хориҷӣ фаъолият мекунад, ки кори ҳамаи сохторҳои давлатии идораро дар фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ҳамоҳанг месозад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло низоми томи мақомоти махсусгардонидашудаи ҳокимияти давлатӣ таъсис дода шудааст, ки мустақиман ё ғайри мустақим дар ташкили идораи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ иштирок менамоянд.

Дар ташкили фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мустақиман мақомати зерини ҳокимияти давлати иштирок менамоянд.

**9.2. Камиссияи Хукумати Ҷумҳури Тоҷикистон оид ба робитаи иқтисоди хориҷӣ**

Дар Тоҷикистон, Комиссияҳои байниҳукуматӣ як механизми муҳим барои рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ бо кишварҳои хориҷӣ мебошанд. Ин комиссияҳо дар шакли ҷаласаҳои мунтазам бо мақсади баррасии масъалаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, аз ҷумла ҳамкории тиҷоратӣ, сармоягузорӣ, кишоварзӣ, саноат, илму маориф ва дигар бахшҳо ташкил мешаванд.

Комиссияҳои байниҳукуматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз воситаҳои муҳими ташкили ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ бо кишварҳои хориҷӣ мебошанд. Таърихи таъсиси ин комиссияҳо ба давраи пас аз истиқлолияти давлатии Тоҷикистон бармегардад.

## Таърихи таъсис ва рушд

- Баъди ба даст овардани истиқлол (1991), зарурати барқарор кардани муносибатҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ бо кишварҳои ҷаҳон ба миён омад.
- Дар ин замина, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор кишварҳо Комиссияҳои байниҳукуматии ҳамкории иқтисодӣ таъсис дод.
- Аввалин комиссияҳо асосан бо кишварҳои ҳамсоя ва шарикони анъанавӣ, мисли Русия, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Чин ташкил шуданд.

## Солҳои 2000-ум:

- Бо мустаҳкам шудани суботи сиёсӣ, фаъолияти комиссияҳо тақвият ёфт.
- Ҷаласаҳои мунтазами комиссияҳо барои баррасии ҳамкориҳо дар соҳаҳои:
  - иқтисод,
  - кишоварзӣ,
  - саноат,
  - илм ва маориф баргузор мешуданд.
- Дар ин давра Шӯрои ҳамкориҳои иқтисодӣ бо ИДМ ва кишварҳои хориҷии дигар фаъол гардид.

## Солҳои 2010 ва баъдтар:

- Тоҷикистон бо бештари кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла: Олмон, Ҳиндустон, Эрон, Туркия, Беларус, Қирғизистон ва Молдова комиссияҳои муштарак таъсис дод.
- Нақши ин комиссияҳо дар ҷалби сармоягузорӣ, таҳкими робитаҳои тиҷоратӣ ва рушди ҳамкориҳои стратегӣ боз ҳам зиёд шуд.
- Бисёре аз ин комиссияҳо дар сатҳи вазирон, муовинони нахуствазир ва раисони идораҳои давлатӣ роҳбарӣ мешаванд.

## Мақсад ва вазифаҳои комиссияҳо:

- Ташкили шароити мусоид барои рушди тиҷорати дуҷониба.
- Ҷалби сармоягузорӣ ва ҳамкории молиявӣ.

- Бартарафсозии монеаҳои ҳуқуқӣ ва гумрукӣ.
- Баррасии масъалаҳои энергетика, нақлиёт, кишоварзӣ, маориф ва тандурустӣ.

**Мисолҳо аз фаъолияти комиссияҳои байниҳукуматӣ:**

1. Тоҷикистон ва Молдова**:** 28 апрели 2023 дар Душанбе ҷаласаи чоруми Комиссияи байниҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Молдова баргузор шуд. Дар ин ҷаласа, ҷонибҳо масъалаҳои ҳамкории тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва илмӣ-техникӣ, инчунин дурнамои рушди равобити дуҷониба баррасӣ намуданд.
2. Тоҷикистон ва Беларус**:** 28 сентябри 2023 дар Душанбе ҷаласаи 16-уми Комиссияи байниҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Беларус доир ба ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ баргузор гардид. Дар ҷаласа, вазорату идораҳои дахлдори ду кишвар, инчунин мақомоти маҳаллӣ ва бахшҳои хусусӣ иштирок намуданд.

Ин Комиссия дар назди Ҳукумат бо мақсади ташкил ҳамоҳангсозии робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ташкил шуда буд.

Он кори худро аввал аз тариқи гурӯҳ ва баъдан аз тариқи шӯъбаи робитаҳои байнидавлатии мудирияти корҳои Шӯрои Вазирони Ҷумҳури анҷом медод.

Соли 1995 комиссияи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ислоҳоти иқтисодӣ таъсис гардид ва соли 1996 он Комиссияи давлатии ислоҳоти иқтисоди ном гирифт.

Комиссияи мазкур ки роҳбари он Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, аз вазирону роҳбарони идораҳои асосии ҷумҳури иборат аст, ҳуқуқи қабули қарорҳоро на танҳо дар соҳаи сиёсати иқтисодии дохили, балки доир ба масъалаҳои идораи фаъолияти иқтисодии хориҷи низ дорад.

**9.3. Вазорати иқтисод ва робитаҳои иқтисодии хориҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Вазорати иқтисод ва робитаҳои иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон - яке аз вазоратҳои калидии ҳукумат мебошад, ки сиёсати

давлатӣ дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва ҳамкориҳои иқтисодии хориҷиро таҳия ва татбиқ мекунад.

Ин вазорат вориси ҳуқуқии собиқ Вазорати робитаҳои иқтисоди хориҷӣ (ВРИХ) буда, таҳя ва татбиқи сиёсати давлатии иқтисодии хориҷи, ҳамоҳангсозӣ ва танзими робитаҳои иқтисодии хориҷиро таъмин менамояд. Он мақоми маркази мебошад, ки доир ба масъалаҳои фаъолияти иқтисодии хориҷи ҳамоҳангсозӣ ва роҳбарии фаъолияти тамоми идораҳо ва ташкилоту корхонаҳои ҷумҳуриро таъмин менамояд.

Вазифаҳои асосии Вазорати иқтисод ва робитаҳои иқтисодии хориҷии (ВИРИХ) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муносибати байни давлатӣ ва фаъолияти иқтисодии хориҷӣ аз инҳо иборатанд:

1. Ташкили таҳяи лоиҳаҳои созишномаю шартномаҳо ва протоколҳои байнидавлатӣ (байниҳукумати) доир ба масъалаҳои ҳамкории тиҷоратию иқтисоди ва фарҳангию техники;

2. Ташкили корҳо дар мавриди вориднамудани тағъироту иловаҳо ба асноди қонуни ва меъёри амалкунанда, ва инчунин таҳяи лоиҳаҳои нави қарорҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодии хориҷи бо ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва ҷиҳати баррасию қабул ба Ҳукумат ва Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод кардани онҳо;

3. Ҳамоҳангсозии кори мақомоти идораи давлати дар соҳаи фаъолияти иқтисодии хориҷи;

4. Ба сифати иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба қайд гирифтани ашхоси ҳуқуқию воқеии дар қаламрави ҷумҳурӣ сукунат дошта, сарфи назар аз шакли моликияташон, инчунин тафтишу назорати фаъолияти иқтисодии хориҷии иштирокчиён ва самаранокии татбиқи қарордодҳои имзо намудаи онҳо;

5. Мувофиқи тартиби муқарарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил намудани намояндаҳои тиҷоратии ҷумҳурӣ дар хориҷа такмили ҳайати кадрии онҳо, роҳбари ва назорат ба фаолияти онҳо;

6.Таъмини ҳамкории мақомотӣ ҷумҳурӣ бо намояндагиҳои тиҷорати кишварҳои хориҷии муқими Ҷумҳури Тоҷикистон;

7. Ҳамоҳангсози ва идораи корҳо доир ба шаклу усулҳои гузаронидани амалиёти содироту воридотӣ дар ҷумҳури, экспертизаи қарор додҳое (шартномаҳое) ки барои иҷроиши онҳо ҷудо кардан ва истифодаи мутамарказ зарур аст ва ғайра.

Барои иҷрои ин номгӯи нопурраи вазифаҳо дар Вазорти иқтисод ва робитаҳои иқтисоди хориҷӣ идораи (раёсат) танзими савдои хориҷӣ, акредитатсия, ташкил ва ҳамоҳангсозии робитаҳои иқтисодии хориҷи, идораи ,(раёсат) танзими савдои хориҷи.

Чунин вазифаҳо дар сатҳи минтақаҳо ба зимаи ваколат дорони ВИРИХ ё шӯъбаҳои марбутаи ҳукуматҳои вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳури гузошта шудаанд.

**9.4. Кумитаи гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Кумита гумрук мақоми марказии ҳифзи зуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мебошад, ки таҳия ва татбиқи сиёсати Гумрукии кишварро таъмин менамояд.

Мутобиқи кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки моҳи ноябри соли 1995 дар иҷлосияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст, вазифахои Кумитаи гумрук муайян карда шудаанд.

Мутобиқи моддаи 2 Кодекси гумрук “Мақсади сиёсати гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини истифодаи ҳарчӣ самараноки воситаҳои назорати гумрукӣ ва танзими мубодилаи мол дар қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иштирок дар татбиқи вазифаҳои тиҷорати сиёсии ҳифзи бозори дохилӣ, ҳавасмандгардонии тараққиёти иқтисоди миллӣ, мусоидат ба гузаронидани бозсозии сохтор ва вазифаҳои дигари сиёсати иқтисодӣ мебошад...”

Мутобиқи моддаи 10 Кодекси гумрук мақомоти гумрукии ҷумҳурӣ вазифаҳои зеринро иҷро мекунанд:

- Иштирок дар таҳяи сиёсати гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва татбиқи ин сиёсат;
- Таъмини риояи қонунҳое, ки назорати иҷрои онҳо ба зиммаи мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст;
- Андешидани тадбирҳо дар мавриди ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон, корхонаҳо ва ташкилоту муассисаҳо зимни татбиқи фаъолияти гумрукӣ;
- Дар доираи салоҳияти худ таъмин намудани бехатари иқтисодии ҷумҳурӣ, ки асоси иқтисодии истиқлолияти он мебошад, ҳифзи манфиатҳои иқтисодии давлат ва субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ;
- Истифодаи воситаҳои танзими гумрукии муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ;
- Ситонидани боҷу хироҷи гумрукӣ,андоз ва пардохтҳои дигари гумрукӣ;
- Иштирок дар таҳяи чораҳои сиёсати иқтисодӣ дар мавриди молҳои аз тариқи сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолшаванда ва татбиқи ин чораҳо;
- Таъмини риояи тартиби иҷозатдиҳии интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт аз тариқи сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Мубориза бо қачоқ, вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ ва қонунҳои андози марбут ба молҳои аз тариқи сарҳади гумрукии ҷумҳурӣ интиқолшаванда, пешгирии муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар ва силоҳ;
- Татбиқ ва такмили назорати гумрукӣ ва барасмиятдарории гумрукӣ, фароҳам овардани шароит барои тезонидани муомилоти мол аз тариқи сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Мусоидат ба инкишофи робитаҳои иқтисодии хориҷии минтақаҳои ҷумҳурӣ, инчунин ташкилоту корхонаҳо, муассисаҳо ва шаҳрвандон;

- Мусоидат ба татбиқи чораҳои ҳифзи бехатарии давлатӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, одоби аҳолӣ, ҳаёт ва саломатии инсон, ҳифзи манфиатҳои истеъмолгарони ватанӣ ва молҳои воридшаванда;
- Назорати содироти маводи стратегӣ ва маводи дигари барои манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаётан муҳим;
- Назорати асъор дар доираи салоҳияти худ;
- Ҳамкорӣ бо мақомоти гумрукӣ ва мақомоти дигари салоҳиятдори давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналхалқие, ки бо масъалаҳои фаъолияти гумруки машғуланд,иштирок дар таҳяи шартномаҳои байналхалқи;
- Мувофиқи тартиби муқарраргардида бо дархости мақомоти ҳокимияти давлатӣ, корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо инчунин ба шаҳрвандон додани маълумот дар бораи фаъолияти гумрукӣ;

Татбиқи сиёсати ягонаи молявию хоҷагӣ, инкишофи базаи моддию техникӣ ва иҷтимоии мақомоти гумрукӣ, фароҳам овардани шароити лозимаи меҳнат барои кормандони ин мақомот ба шумор меравад.

**Саволҳо барои мустаҳкамкунии мавзӯъ:**

1. Мафҳуми идораи фаъолияти фаъолияти иқтисодии дар сатҳи давлатиро шарҳ диҳед.
2. Зарурати таъсиси Комиссияи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба робитаҳои иқтисодии хориҷиро манидод намоед.
3. Вазифаҳои асосии Вазорати иқтисод ва робитаҳои иктисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон номбар намоед.
4. Вазифаҳои Кумитаи гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баланд бардоштани иқтисодиёт.